## Тақриз

**ба фишурдаи рисолаи Абдулқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯйи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ», ки барои дарёфти унвони доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст. - Душанбе, 2020, 56 саҳифа.**

Суннати шарҳу тафсирнигорӣ дар фарҳанги халқи тоҷик собиқаи куҳан дорад ва аз тамаддуни аҳди бостон сарчашма мегирад.Ниёкони тамаддунофари мо ҳанӯз дар даврони бостон ба «Авесто», ки дар тӯли таърихи дароз забонаш нофаҳмон гашта буд, шарҳу тафсир навишта буданд, ки бо номи «Занд»-у «Позанд» шуҳрат дорад. Суннати тафсирнигорӣ баъд аз ислом на ин ки барҳам нахӯрд, балки дар тамаддуни исломӣ вобаста ба талаботи ҷомеаи мусалмонӣ равнақи босазое касб кард.Мардум мусулмоншудаи ғайриараб, алалхусус ақвоми форсизабон ниёз ба фаҳмиши каломи худовандӣ – Қуръон доштанд. Аз ин рӯ, ниёкони донишманди мо ҳанӯз дар асри X ба тарҷума ва шарҳу тафсири китоби муқаддаси Қуръон ба забони модариашон иқдом намуда буданд. Дар байни тарҷума ва шарҳу тафсирҳои бешумори Қуръон китоби Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Мавоҳиби Алия», ки бештар бо номи «Тафсири Ҳусайнӣ» шуҳрат дорад,нақши босазо дорад. Ағлаби муҳаққиқон бар он андешаанд, ки «Тафсири Ҳусайнӣ» беҳтарин тафсири Қуръон дар мазҳаби аҳли суннат вал ҷамоат аст.

Воқеан, шарҳу тафсирнигорӣ чи ба осори бадеӣ ва чи ба осори динию мазҳабӣ бахши муҳимми фарҳангу адабиёти оламшумули моро ташкил медиҳад, ки мутаассифона, то он ҷо, ки шоиста аст, таҳқиқ нашудааст. Шодравон профессор Абдуманнони Насриддин чандин сол ба таҳқиқи ин масъала машғул шуда, китобҳои арзишманде низ таълиф намуд. Аммо мероси динӣ, алалхусус шарҳу тафсири Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ камтар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Ба ин маънӣ рисолаи Абдулқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯйи «Ҳусайн

Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ» айни муддао ва актуалӣ мебошад.

Фишурдаи рисола аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳову зерфаслҳои мутааддиданд, хулоса ва китобнома иборат аст. Худи унвони бобҳову фаслҳо ва зерфаслҳо бозгӯйи чигунагии сифати рисолаанд. Нақшаи кор чунон таҳрезӣ шуда, ки ҳеч масъалаи марбут ба мазӯйи таҳқиқ канор намондааст.Сохтори фишурдаи рисола ба хусусият ва характери масъалахои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Дар муқаддима, се боб, шонздаҳ фасл ва хулоса масъалаҳои назарию амалии мавзӯи мавриди таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи интихобшуда ва дараҷаи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаи таҳқиқ, тозагии илмии он, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ мушаххас ифода ёфтааст. Муаллиф дар асоси усули таърихӣ-қиёсии омӯзиши осори адабӣ ба тахқиқи масоили мавриди назар пардохта, ба дастовардҳои донишмандони хориҷию ватанӣ такя кардааст. Абдуқодирзода Саидмукаррам бо камоли диққат, нуқтасанҷона ва дар асоси далелу мадракҳои гӯё мавзӯъро баррасӣ намуда, натиҷаи дилхоҳ ба даст овардааст. Азбаски муроди муаллифи рисола таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзӯйи мавриди назар аст, рисола ба ҳамин мақсад ба бобу фасл ва зерфаслҳо тақсим шуда, ки ҳеч як масоили марбут ба мавзӯъ аз назар дур намондааст. Аслан ҳамин тарзи таҳқиқ дар солҳои охир дар ховаршиносии ҷаҳон ва адабиётшиносии Эрон низ мавқеъ дорад, зеро он беҳтарин роҳи дарёфти ҳақиқати осори бадеӣ ва матлаби суханвар мебошад.

Бо камоли боварӣ гуфтан метавон муаллифи рисола ба ҳадафҳои пешгузоштааш ноил гардидааст. Натоиҷи бадастомада аз таҳқиқи мавзӯъ саҳеҳият доранд ва рисола ба талаботи рисолаҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, ба нишонаҳои тахассусӣ мутобиқат дорад. Дастовардҳои рисола хеле зиёданд, ба андешаи мо агар муаллиф ба нуктаҳои зер таваҷҷуҳ менамуд, сифати илмии рисола боз ҳам меафзуд:

1. На ҳама тадқиқоти марбут ба мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор гирифта, арзиши онҳо муайян шудааст.

2. Агар «Тафсири Ҳусайнӣ»-и Мавлоно Ҳусайни Воизи Кошифӣ бо яке аз тафсирҳои дигари Қуръон дар муқоиса баррасӣ мегардид, арзиши илмӣ ва маърифатии он боз ҳам беҳтар мушаххас мегардид..

Сарфи назар аз ин, фишурдаи рисолаи илмии Абдуқодирзода Саидмукаррам дар мавзӯйи «Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва суннати тафсирнигории Қуръон ба забони форсии тоҷикӣ» як таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фишурдаи рисолаҳои докторӣ ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мебошад.

**Исрофилиё Шарифмуроди Раҳимзода**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

08.05.2020